# ПРОТОКОЛИ №32-и

чаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз «16» июни соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 15 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

16 июни соли 2026, соати 10:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, ҳуҷраи №102) ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: соати 13:10.

**Раиси ҷаласа:** муовини раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои физикаю математика – Каримов Ф.Ҳ.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои техникӣ – Ғайратов М.Т.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои муштараки диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд бо рамзи 6D.КОА-057 (тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд, аз 02.02.2026, №37/шд) тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 15 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология.

Диссертатсия дар кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ Валиев Шариф Файзуллоевич - доктори илмҳои геологию минералогӣ, и.в. профессор, сарходими илмии озмоишгоҳи баҳодиҳии хатарҳои сейсмикии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор - доктори илмҳои техникӣ, директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
2. Фозилов Ҷивоншо Нурович - номзади илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, мудири кафедраи минералогия ва петрографияи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

## БАРОМАД НАМУДААНД:

1. Раиси шуро: доктори илмҳои физикаю математика Каримов Ф.Ҳ.
2. Котиби илмии шуро: номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.
3. Унвонҷӯ: Кароматуллои Ю.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, номзади илмҳои геологию минералогӣ Лоиқзода М.Л., доктори илмҳои биологӣ Мамадризохонов А.А., номзадони илмҳои геологию минералогӣ Саидова Д.Н., Муродзода А.А., ва докторони илмҳои геологию минералогӣ Файзиев Ф.А., Ғафурзода Ф.Ғ. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ – доктори илмҳои геологию минералогӣ Валиев Ш.Ф. шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор – доктори илмҳои техникӣ, директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
2. Фозилов Ҷивоншо Нурович – номзади илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, мудири кафедраи минералогия ва петрографияи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Мамадризохонов А.А. – доктори илмҳои биологӣ.
2. Саидова Д.Н. – номзади илмҳои геологию минералогӣ.
3. Лоиқзода М.Л. – номзади илмҳои геологию минералогӣ.
4. Муртазоев У.И. – доктори илмҳои географӣ.

5. Оспанова Н.К. – доктори илмҳои геологию минералогӣ.
6. Ғафурзода Ф.Ғ. (Ғафуров Ф.Г.) – доктори илмҳои геологию минералогӣ.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Мамадризохонов А.А., Ниёзӣ А.С. ва Муродзода А.А. интихоб гардидаанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок намудаанд: аз инҳо 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намудаанд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои муштараки диссертатсионӣ дар бораи ба Кароматуллои Юсуф додани дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз «16» июни соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, тақризи муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», суханронии муқарризони расмӣ – Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор – доктори илмҳои техникӣ, директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Фозилов Ҷивоншо Нурович - номзади илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, мудири кафедраи минералогия ва петрографияи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ – Мамадризохонов А.А. – доктори илмҳои биологӣ, Саидова Д.Н. – номзади илмҳои геологию минералогӣ, Лоиқзода М.Л. – номзади илмҳои геологию минералогӣ, Муртазоев У.И. – доктори илмҳои географӣ, Оспанова Н.К. – доктори илмҳои геологию минералогӣ, Ғафурзода Ф.Ғ. (Ғафуров Ф.Г.) – доктори илмҳои геологию минералогиро шунида, баррасӣ карда, шурои муштараки диссертатсионӣ дар

асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Кароматуллои Юсуф

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Кароматуллои Юсуф дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои геологию минералогӣ ба Кароматуллои Юсуф аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои муштараки диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физикаю математика — Каримов Ф.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ — Ғайратов М.Т.

16.06.2026 с.